# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Ғуломзода Бобоҷон Зариф дар мавзуи: «Баҳодиҳии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии омилҳои хавфи инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ. – Душанбе. – 148 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Ғуломзода Бобоҷон Зариф дар мавзуи: «Баҳодиҳии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии омилҳои хавфи инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» ба ихтисоси илмии 14.02.02 – Вогиршиносӣ мутобиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Ҳадафи афзалиятноки мубориза бар зидди бемории сил ин барвақт ошкор намудан ва муолиҷаи бомувафаққияти гирифтори сирояти фаъол барои роҳ надодан ба интиқоли минбаъдаи он мебошад. Стратегияи мубориза бар зидди бемории сил ҳамчунин ошкоркунии самаранок ва муолиҷаи сирояти ниҳонӣ (сироятнокии силӣ) роҳ надодан ба интиқоли минбаъдаро дар бар мегирад. Муносибат ба ошкор кардани шахсони гирифтори сирояти фаъол ё ниҳонӣ - скрининги гурӯҳҳои хатари баланд, фаъолона ошкор намудани ҳодисаҳои беморӣ ва назорат намудани иртиботҳоро дар бар мегирад. Ба ҳамин тариқ, назорат ва скрининги шахсони бо беморони дорои шаклҳои фаъоли бемории сил иртиботдошта ҷузъи муҳимтарини назорат, интиқол ва барвақт ошкоркунии бемории сил мебошад. Назорат/муоинаи иртиботҳо се мақсади асосиро пайгирӣ менамояд: аввалан, ошкор намудани ҳодисаҳои иловагии бемории сили фаъол дар байни иртиботҳо; сониян, ошкор намудани иртиботҳо бо сирояти ниҳонии бемории сил ва ба онҳо пешниҳод намудани муолиҷаи профилактикӣ. Ҳамаи самтҳои зикршуда дар диссертатсия мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудаанд. Диссертатсияи

тақризшаванда ба омузиш, дарёфти проблемаҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон бахшида шудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дараҷаи навгонии илмии таҳқиқ дар нахустин бор омухтани дараҷаи гирифторшавӣ ба бемории сил дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, дар муқоисаи дараҷаи гирифторшавӣ ба бемории сил дар дигар минтақаҳои мамлакат, дар ошкор кардани дараҷаи бо муоина ва химиопрофилактика фарогирии беморони иртиботдошта дар манбаъҳои бемории сили минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, дар баланд бардоштани самаранокии назорат кардани иртиботҳо бо роҳи ҷалбкунии мутахассисони хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, дар таҳлили омилҳои асосии хатар, хусусиятҳои инкишоф ва саривақтӣ будани дараҷаи верификатсияи шаклҳои гуногуни бемории сил дар манбаъҳои сирояти бемории сили ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ва дар таҳияи маҷмуи чораҳои пешгирии инкишофи бемории сил дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, инъикос гаштааст. Ҳамаи навгониҳои дар диссертатсия зикргардида аввалин бор илман тасдиқ ва хулосабарорӣ карда шудаанд.

Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд аз 3 банд иборат буда, дар бораи вазъияти нисбатан номусоиди эпидемиологии бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон; оиди оне, ки сабаби асосии тиббии вазъияти номусоиди эпидемиологӣ оиди бемории сил дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар нопурра будани ошкоркунӣ, назорат ва фарогирии муоинаи шахсони иртиботдошта бо беморони гирифтори шакли фаъоли бемории сил мебошад ва оиди оне, ки сифати таҳия намудани ҳуҷҷатҳои аввалия дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон нокифоя мебошад ва пурзӯр намудани интегратсияро дар се хадамоти масъулиятноки ҷумҳурӣ талаб мекунад (зиддисилӣ, КАТС ва ХНДСЭ), байни онҳо ҳамоҳангсозӣ нокифоя

мебошад, мониторинг ва баҳодиҳии самтҳои ҳамкорӣ мунтазам намебошад, нақшаҳои якҷояи кор вуҷуд надоранд, мебошанд Ҳамаи нуктаҳои зикршуда, дар диссертатсия илман асоснок карда шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Хулосаю тавсияҳо, ки дар диссертатсия оварда шудаанд дар таҳлили дақиқи маводҳои аввалияи соҳаи зиддисилӣ, КАТС ва ХНДСЭ ва таҳлили омори маълумотҳои бадастовардашуда асос ёфтааст. Истифодаи тавсияҳои зикршуда барои бартараф намудани омилҳои хавфи инкишофи бемории силро дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон мусоидат мекунад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

**Дар боби якум** шарҳи адабиёт дар бораи тамоюли нишондиҳандаҳои асосии эпидемиологӣ, омилҳои хавфи икишофи бемории сил дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон ва муносибати ташкилӣ ба гузаронидани чорабиниҳои профилактикӣ дар манбаъҳои сироятии Тоҷикистон, таҳия карда шудааст.

Аз ҷумла, дар 3 зербоб оиди паҳншавии бемории сил дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон, оиди стратегияи барвақт ошкор намудан ва назорат намудани шахсони иртиботдошта ҳангоми бемории сил ва оиди омилҳо ва гурӯҳҳои хавфи гирифторшавӣ ба бемории сил, маълумот оварда шудааст.

**Дар боби дуюм** маълумоти дақиқ дар бораи мавод ва усулҳои таҳқиқот оварда шудааст.

Аз ҷумла, маълумотҳо дар бораи ҳодисаҳои бақайдгирифташудаи бемории сил дар давоми солҳои 2018-2023 ва тартиби ҳуҷҷатгузории аввалияи хадамоти зиддисилӣ оварда шудааст.

**Дар боби сеюм** натиҷаҳои таҳлили дараҷаи бақайдгирии ҳодисаҳои бемории сил дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар 5 соли охир таҳия карда шудааст.

Аз ҷумла, дар 7 зербоб маълумот оиди таҳлили муқоисавии дараҷаи гирифторшавӣ ба бемории сил дар минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳлили муқоисавии дараҷаи гирифторшавӣ ба бемории сил дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, оиди вазъи эпидемиологии бемории сил дар байни баъзе аз гурӯҳҳои хавф, самаранокии чораҳои профилактикӣ дар минтақаҳои гуногуни мамлакат, баҳодиҳии фаъолияти хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ дар ҳамбастагӣ бо хадамоти зидди бемории сил ва КАТС дар манбаъҳои сирояти бемории сил, самаранокии корҳои профилактикӣ дар манбаъҳои эпидемии сирояти бемории сил, вазъи эпидемиологии бемории сил дар ноҳияи Восеи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, оварда шудааст.

**Дар боби чорум** маҷмуи чораҳои ташкили пешгирии омилҳои хавфи инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силӣ дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон таҳия шудааст. Бояд қайд кард, ки тамоми чораҳои дар диссертатсия зикршуда асоснок буда, барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта мусоидат менамоянд.

**Дар боби панҷум** натиҷаҳои таҳқиқот дар муқоиса бо хулосаҳои дигар таҳқиқотҳо, ки дар интишоротҳо инъикос ёфтааст, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Хулоса аз 7 банд иборат буда, эътимоднокии онҳо бешубҳа мебошад. Аз ҷумла маълум гардид, ки нишондиҳандаи максималии гирифторшавӣ ба бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023 дар ВМКБ ошкор карда шуд, баъди ин ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон меоянд ва баъдан дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ. Ҳамзамон бо назардошти миқдори мутлақи беморони гирифтори бемории сили соли 2023 ба қайд гирифташуда, вазъияти эпидемиологӣ дар минтақаи Кӯлоб нисбатан ба дигар минтақаҳои мамлакат пуршиддаттар аст; дар байни ноҳияҳои

минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон  соли 2023 нишондиҳандаи максималии беморшавӣ бо бемории сил дар Муъминобод - 68,0 ба 100 ҳазор аҳолӣ ошкор карда шуда, сипас аз рӯйи тартиби зиёдшавӣ ҷойгир шудааст: ш.Кӯлоб – 67,6, Ш. Шоҳин – 64,4, Ховалинг – 62,2, ноҳияи Кӯлоб – 54,9, Фархор – 54,0, Данғара – 52,6, Восеъ – 51,5, Балҷувон – 50,9, Ҳамадонӣ – 46,9, Темурмалик – 41,5 ба 100 ҳазор аҳолӣ; нишондиҳандаҳои асосии эпидемиологии БС дар ноҳияи Восеъ солҳои охир хеле беҳтар шудааст ва соли 2023 инҳоро нишон медиҳад: нишондиҳандаи беморшавӣ  - 20 ва нишондиҳандаҳои фавт  – 1,3 ба 100 ҳазор аҳолӣ.

Ҳамаи хулосаҳо дар диссертатсия илман асоснок карда шудаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Диссертатсияи тақризшаванда аҳамияти муҳими назариявӣ ва илмӣ-амалӣ дошта, дар амалияи клиникии муассисаҳои зиддисилии ҷумҳурӣ ва татбиқ намудани маҷмуи чораҳои пешгирии инкишофи бемории сил дар шахсони иртиботӣ дар манбаъҳои сирояти бемории сил ҷорӣ шудааст, ки бешубҳа инчунин таъсири мусбии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба беморон мерасонад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи маводи диссертатсия 10 кори чопӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои эътирофнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 Дастурамали методӣ, нашр карда шуданд. Дар мақолаҳои ҷопшуда ҳамаи самтҳои илмии дар диссертатсия таҳлилшуда, инъикос ёфтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Ғуломзода Бобоҷон Зариф дар мавзӯи «Баҳодиҳии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии омилҳои хавфи инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силии  минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Ба фикри Шумо чӣ бояд кард, ки сифати ҷамъоварӣ, нигоҳдошт ва интиқоли маълумотҳои оморӣ беҳтар гардад.

Ҳамзамон, бояд гуфт, ки эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ғуломзода Бобоҷон Зариф дар мавзӯи «Баҳодиҳии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии омилҳои хавфи инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Профессори кафедраи вогиршиносӣ
ва бемориҳои сироятии
МДТ "Донишгоҳи миллии Тоҷикистон",
д.и.т., дотсент Н.С. Одинаев

«23» майи соли 2025

Суроға: индекс 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Испечак 1,
хонаи 173.
Тел.: (+992) 918-62-31-29
E-mail: niyoz.odinaev@mail.ru

Имзои Одинаев Н.С-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои
МДТ "Донишгоҳи миллии Тоҷикистон" Э.Ш. Тавқиев

**Суроғаи муассиса:**
Индекс 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рудаки, 17
Тел.: (+992-37) 221-62-25; (+992-37) 227-15-10
E-mail: info@tnu.tj

“__23__» ____майи____ соли 2025